Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

Мавзуи рисолаи илмии Исозода Б.Ч. ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ - нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Он муҳимтарин ҷанбаҳои фаъолияти ҳокимияти судиро дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз нигоҳи назарияи ҳуқуқӣ ва амалӣ дар бар гирифта, дар таҳким ва рушди падидаи мазкур мусоидат хоҳад намуд.

Масъалаҳои танзими фаъолияти ҳокимияти судӣ ҳамчун механизми асосии ҳифз ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон яке аз мушкилотҳои мубрам буда, дар аксари давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли он эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015 ба ин таъиноти ҳокимияти судӣ ишора намуда, қайд намуданд, ки «таҳкими фаъолияти ҳокимияти судӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ мебошад, зеро фаъолияти судҳо бо инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ пайваст аст».

Дар ин раванд нақши хосаро таҳлилҳои илмӣ ишғол менамоянд, ки дар доираи онҳо рисолаҳои гуногуни илмӣ омода шуда, барои беҳтар намудани раванди танзим ва амалӣ шудани фаъолияти ҳокимияти судӣ дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд пешниҳодҳои заруриро омода менамоянд. Дар баробари ин бояд таъкид кард, ки мутаассифона дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба таври кофӣ ба масъалаи мазкур эътибор дода нашудааст. Дар илми ватанӣ эътибори бештар ба тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти судӣ дода шудааст. Аз ин лиҳоз, пажӯҳиши масъалаи нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи мубрами ҳуқуқ мебошад. Вобаста ба ин таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» саривақтӣ буда, онро равшан ва возеҳ менамояд.

Дар рисола, унвонҷӯ қайд менамояд, ки барои аниқ кардани моҳият ва хусусиятҳои асосии ҳифзи ҳуқуқи инсон ҷудо карда тавонистани мафҳуми "ҳифзи ҳуқуқи инсон" аз мафҳуми бо он рақобаткунандаи "ҳимояи ҳуқуқи инсон" аҳаммияти қатъӣ дорад. Ба андешаи

рисоланавис, ҳангоми баррасии масъалаи мазкур бояд ба он такя кунем, ки ҳам ҳифз ва ҳам ҳимояи ҳуқуқи инсон самти таъиноти функсионалии умумӣ доранд (ҳам ҳифз ва ҳам ҳимоя ба таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахс равона гардидаанд), мазмуни онҳо - воситаҳои ташкилию ҳуқуқии амалигардонӣ (таъиноти функсионалӣ) мебошад.

Маврид ба зикр аст, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон падидаи мураккаби ҳуқуқӣ буда, омӯзиши амиқро тақозо мекунанд. Ба мазмуни ҳуқуқу озодиҳои инсон омилҳои объективӣ ва субъективии зиёде таъсир мерасонанд. Асосҳои таърихии рушди давлат, инкишофи шуурнокии ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа, сатҳи рушди иқтисодии давлат, иродаи сиёсӣ ва омилҳои дигар аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Аммо, сарфи назар аз ин омилҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон арзиши олӣ буданд, ҳастанд ва хоҳанд буд ва ҳар як давлат бояд онро таъмин намояд, ба татбиқи он мусоидат ва ҳангоми зарурат ҳифз кунад.

Бояд қайд намуд, ки унвонҷӯ масъалаи мафҳум ва моҳияти ҳифзи судии ҳуқуқи инсонро таҳлил намудааст. Аз ҷумла ӯ қайд менамояд, ки нақши асосӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳокимияти судӣ тааллуқ дорад. Ҳифзи судии ҳуқуқи инсон муҳимтарин ниҳоди низоми муосири механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон мебошад. Аз ин лиҳоз, ҳар як давлат вазифаи на танҳо ба таври расмӣ эълон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон, балки таъсис додани механизми муассири ҳифзи ҳуқуқи инсонро низ ба зимма мегирад. Дар ин масъала Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истисно нест.

Инчунин унвонҷӯ ҳимояи ҳуқуқҳои инсонро дар намудҳои мухталифи мурофиаи судӣ таҳлил намудааст. Қайд карда мешавад, ки ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон тавассути мурофиаи конститутсионӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ, маданӣ ва иқтисодӣ амалӣ карда мешавад. Вазифаи баррасии мурофиати шаҳрвандон ба зиммаи ҳар суде гузошта шудааст, ки ба низоми судии кишвар дохил мешавад. Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар бораи поймол шудани ҳуқуқу озодиҳояш ба ҳар кадоме аз судҳои дар қонун зикргардида шикоят намояд.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда рисоланавис қайд менамояд, ки фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мисли ҳар як низоми ҷамъиятӣ, ба принсипҳои муайян асос меёбад. Таҳти мафҳуми принсипҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ асосҳои бунёдии объективӣ дар назаранд, ки табиати онро ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ инъикос менамоянд.

Дар заминаи омӯзиши масъалаҳои дурнамои рушди механизмҳои ҳифзи ҳуқуқӣ унвонҷӯ қайд менамояд, ки ислоҳоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодие, ки дар кишвар амалӣ мегарданд, аз рӯзҳои аввал ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ равона шудаанд. Муқаррароти мазкур дар Конститутсияи кишвар, ки 6 ноябри соли 1994 қабул шудааст, инъикос

ёфтаанд. Тадқиқи умуминазариявии ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон, ҳамчун кафили ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин омӯзиши ислоҳотро ҳамчун шарти такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар назар дорад. Вобаста ба ин, раванди ислоҳоти ҳокимияти судӣ ва раванди такмили ҳокимияти судиро фарқ кардан лозим аст. Раванди ислоҳот дар Тоҷикистон, ба андешаи мо, бо раванди қабули Конститутсияи кишвар ва гузариш ба низоми таҷзияи ҳокимият, дар асоси Конститутсияи кишвар ва исло□оти минбаъдаи конститутсионӣ муайян намудани низоми судии давлат алоқаманд мебошад. Раванди такмил дар Тоҷикистон бо таҳия ва қабули барномаҳои ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ алоқаманд аст.

Бояд ишора намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Баходур Чиллахон аз зумраи нахустин таҳқиқоте махсуб мешавад, ки дар он таҳлили ҳуқуқӣ–назариявии ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифз ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавриди пажӯҳиш қарор дода шуда, дорои навгонии илмӣ ва натиҷаҳои назаррас мебошад. Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ як қатор масъалаҳо роҳи ҳалли худро пайдо намудаанд, ки навгонии рисолаи илмиро собит менамоянд, аз ҷумла:

– муайян намудани институтсионализатсияи воситаҳо ва шаклҳои ҳимояи судии ҳуқуқи инсон;

– омӯзиши ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун объекти таъсири ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон;

– мушаххас намудани мақсадҳо, вазифаҳо, функсияҳо, шаклҳо ва принсипҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон;

– таҳқиқи омилҳои муайянкунандаи самаранокии фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон;

– таҳлили тадбирҳо оид ба ислоҳот ва такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд.

Лозим ба зикр аст, ки рисоланавис дар таҳқиқоти диссертатсионии худ як зумра тавсияҳои амалии судманд оид ба такмили фаъолияти ҳокимияти судиро пешниҳод намудааст, ки аз аҳаммият холӣ нестанд.

Асоси назариявии таҳқиқоти илмиро асарҳои арзишманди олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ, аз қабили С.А. Авакян, З. Ализода, М.В. Баглай, А.М. Диноршоев, Г.Т. Ермошин, В.В. Ершов, В.Д. Зоркин, Ҷ.М. Зоир, А.И. Имомов, З.Х. Искандаров, М.И. Клеандров,В.В. Лазарев, В.М. Лебедев, М.А. Маҳмудзода, Х.М. Мирзамонзода, И.Л. Петрухин, Д.С. Раҳмон, Б.А. Сафарзода, Н.М. Чепурнова, И.Р. Шодиев, К.Н. Холиқов ва дигарон ташкил додаанд.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд.

Ҳамчунин, тарзи навишт ва таҳлилнамоиву масъалагузорӣ дар раванди таҳқиқ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Бо назардошти нуктаҳои зикргардида, метавон чунин хулоса намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори кафедраи ҳуқуқи инсон**
**ва ҳуқуқшиносии муқоисавии**
**факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Сафарзода Б.А.**

**Имзои Сафарзода Б.А.-ро**
**тасдиқ менамоям**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э. Ш.**

12.05.2025.